*ТДУ 57.026.1*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-2-98-103*

# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИ МЕҲАНПАРАС ТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

***Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна,*** *саромӯзгори кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология туризми МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# РОЛЬ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ЧУВСТВА ПАТРИОТИЗМА У СТУДЕНТОВ ЕСТЕСТВЕННОНАУЧНЫХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ

***Хайдарова Мавзуна Махмуджоновна,*** *старший преподаватель кафедры экологии и охраны природы факультета геоэкологии и туризма ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# THE ROLE OF ENVIRONMENTA L EDUCATION IN FORMING A SENSE OF PATRIOTISM IN STUDENTS OF NATURAL SCIENCES

***Haidarova Mavzuna Mahtudgonovna,*** *senior lecturer of the department of the ecology and nature conservation of the Faculty of Geoecology and tourism, SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *uchzaphgu@mail.ru,*

***Вожаҳои калидӣ:*** *маърифати экологӣ, тарбияи ватандӯстӣ, муҳити зист, мактаби олӣ, донишҷӯ*

*Мақола ба масъалаи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ба арзишҳои миллӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути машғулиятҳои таълимӣ аз фанҳои экология бахшида шудааст. муаллиф дар мақола раванди ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро дар доничӯён тавассути машғулиятҳои таълимӣ, корҳои беруназсинфӣ, беруназмуассисавӣ, ки дар ҷамъи алоқаҳои дохили ва берунаи нишондиҳандаҳои меёрии ҷузъҳои он: маърифатӣ (дарки мафҳуми Ватан, донистани география, таърих, анъанаҳои, муқаддасот); ҳиссиёти (дараҷаи шинохти худ ҳамчун шаҳрванд ва шахси ватандӯст) зоҳир мегардад, инъикос намудааст.Масъалаҳои баланд бардоштани ғуруру худогоҳии миллии донишҷӯён дар заминаи тарбияи экологӣ, ки ба такомули тафаккур ва ҷаҳонбинӣ мусоидат менамояд , баррасӣ карда мешаванд. Ҷараёни муттасили ташаккули ҳисси меҳанпарастии донишҷӯён дар алоқамандӣ бо сатҳи маърифати экологӣ таҳлил карда шудааст. Аниқ гардидааст, ки омӯзиши пайваста ва дониши чуқур дар бораи захираҳои табиии кишар барои ташаккулу такомули ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастии донишҷӯён мавқеи ҳалкунанда мебозад.*

***Ключевые слова:*** *экологическое образование, воспитание патриотизма, окружающая среда, вуз, студент*

*Статья посвящена вопросу формирования чувства патриотизма, почитания национальных ценностей у студентов высших профессиональных учебных заведений посредством образовательной деятельности в области экологии. В статье автор описывает процесс формирования чувства патриотизма и уважения к национальным ценностям у студентов через образовательную деятельность, внеклассную деятельность, внеучебную деятельность, которая включает в себя внутренние и внешние коммуникативные показатели ее компонентов: познавательный (понимание понятие о Родине, знание географии, истории, традиций, святыни); отражаются чувства (уровень признания себя гражданином и патриотической личностью). Вопросы повышения национальной гордости и самоуважения студентов обсуждаются в контексте экологического воспитания, что способствует совершенствованию мышления и мировоззрения. Анализируется непрерывный процесс формирования у студентов чувства патриотизма в зависимости от уровня экологического образования. Понятно, что постоянное обучение и глубокие знания о природных богатствах страны играют решающую роль в формировании и совершенствовании чувства патриотизма у студентов.*

***Key words:*** *environmental education, patriotism education, environment, university, student.*

*The article is devoted to the formation of a sense of patriotism towards national values among students of higher professional educational institutions through educational activities in the field of ecology. In the article, the author describes the process of forming a sense of patriotism and respect for national values among students through educational activities, extracurricular activities, extracurricular activities, which includes internal and external communicative indicators of its components: cognitive (understanding the concept of the Motherland, knowledge of geography, history, traditions , shrines); feelings are reflected (the level of recognition of oneself as a citizen and a patriotic personality) Issues of increasing national*

*pride and self-respect of students are discussed in the context of environmental education, which contributes to the improvement of thinking and worldview. The continuous process of formation of a sense of patriotism among students is analyzed depending on the level of environmental education. It is clear that constant learning and in-depth knowledge of the country's natural resources play a decisive role in the formation and improvement of a sense of patriotism and patriotism among students.*

Истиқлоли миллӣ барои ташаккули насли оянда сози дорои донишҳои муосир ва технологияҳои пешрафта мусоидат намудааст. Насли ҷавон дар муҳити ошкорбаёнӣ, фикррони мустақил, ҷаҳонбинии васеъ, фазову имкониятҳои бемаҳдуди иттилоотӣ ва моддию техникӣ ба камол расида истода, заминаи пойдори рушди босуботи кишвар мебошад. Вале, равандҳои глобалии сатҳи сайёравӣ ба монанди тағйирёбии иқлим, мусаллаҳшавии давлатҳои абарқудрат бо навъҳои гуногуни яроқҳои қатли ом, норасоии оби тозаи ошомиданӣ, ғизои солим, афзоиши теъдоди аҳолӣ ва ғайра дар тафаккури насли имрӯза мавқеи на он қадар муҳимро касб кардааст. Аксари ҷавонон бештар барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти меҳнатии худ машғул мебошанду нисбати мушкилоти мавҷудаи атроф бетарафӣ зоҳир мекунанд. Сабаби зуҳур гардидани чунин муносибатҳоро муҳаққиқон аксаран ба сатҳи ғайриқаноатбахши маърифати экологии аҳолӣ, аз ҷумла насли ҷавон нисбат медиҳанду таъкид менамоянд, ки чунин ҳолат ба ташаккул ва рушди ҳисси меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ, худогоҳӣ, худшиносии ва ҷавонон таъсири мутақобилаи назаррас мерасонад.

Бобати ин масъала олимону мутахассисони сершумор қайд менамоянд, ки сатҳи маърифати экологии аҳолӣ метавонад боиси такони ҷиддӣ дар ташаккули меҳанпарастии насли ҷавон гардад. Зеро, донистани хусусиятҳо ва захираҳои табиии маҳалли зист дар насли ҷавон, аз ҷумла муҳассилини ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ баробари ҳиссиёти зебоипарастиро пайдо намудан, ҳисси ифтихору ғурури миллиро ташаккул медиҳад. Корҳои тадқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ Г.В.Сталинский, М.И.Родионов, К.Ф.Виноградова, И.О.Обидов, К.Б. Қодиров, Б.Маҷидова, Н.Ғуломова, Э.Разменов, А.И.Рахимов, С.С. Мирзоев, Н.Н.Дадобоева ва дигарон бештар диққати моро чалб намудаанд, зеро бевосита ба самтҳои афзалиятноки рушди мунтазами тарбия ва маърифати экологӣ, бахусус дар шароити имрӯза бахшида шудаанд.

Шиносоӣ бо сарватҳои табиӣ ва усулҳои самаранок истифодабарӣ ҳисси масъулиятшиносиро дар ҳифзи онҳо бедор намуда, барои рушди ҳисси меҳанпарастӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Бояд қайд кард, ки дар ин маврид ташаккули ҳиссиёти меҳанпарастӣ дар заминаи ҳисси ватандорӣ, хештаншиносӣ, соҳибмулк будан ва ҳоказо низ ҷараён мегирад. Зеро, нигоҳи соҳибият ба сарватҳои бойи кишвар, донишҳо оид ба истифодаи самараноку оқилонаи онҳо, дарки масъулият дар назди наслҳои оянда, зарурияти ҳифзи онҳо ва ғайра ҷузъи меҳанпарастии фардро дар бар гирифта, бо сатҳу ҷараёни ташаккули маърифати экологӣ алоқаманд мебошад. Дар ин васила маврид ба қайд аст, ки ҷараёни ташаккули ҳисси меҳанпарастӣ ва маърифати экологии ҷомеа ҳалқаҳои алоҳидаи занҷири ягона мебошанд, ки алоқаи бевоситаи ногусастанӣ доранд.

Қобили тазаккур аст, ки таваҷҷӯҳи хосаи давлат ба мушкилоти экологии сатҳҳои гуногун, ки дар сиёсати экологии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, мебояд ба тарбияи насли наврас дар руҳияи муносибатҳои гуманистӣ ба табиат, софу покиза нигоҳ доштани обу ҳаво, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии мавҷуда ва амсоли онҳо асос ёбад. Ноил гардидан ба ин мақсад масъулияти баланди омӯзгориро дар ҳама зинаҳои таҳсилот тақозо ва талаб менамояд. Зеро, алҳол дар назди башарият, аз ҷумла ҷомеаи кишвар масъалаҳои бағоят душвор – истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиӣ гузошта шудааст. Дар ҳалли ин масъала роҳу воситаҳои самарабахшро ҷустуҷӯ ва истифода кардан зарур аст, ки табиат ҳаёти солими наслҳоиояндаи инсониятро таъмин намояд [2,с.179].

Дар барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 самтҳои асосии рушди устувори ҷомеа, мувозинати захираҳои табиӣ ва истифодабарандагони он, ташкил ва ҳамоҳангсозии муносибати истифодабарандагони захираҳои табиӣ ва худи табиат, рушди солими ҷомеа, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин роҳҳои барқароркунии фазои экологии вайроншуда муайян шудааст. Иҷрои тадбирҳои пешбинигардидаи Барнома имкон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ оид ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва беҳтар

намудани муҳити зист корҳои муайян ба сомон расонида шавад, зеро дар ҷомеа ҳоло ҳам проблемаҳои экологии ҳалношуда боқӣ мондаанд.

Амали Барнома барои ба давраи рушди устувор гузаштани мамлакат, баҳри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ҳангоми ба гардиш даровардани захираҳои нав ва ҳаҷман калони табиӣ (замин, об, ҳаво, наботот, ҷангал, сарватҳои зеризаминӣ) пешбинӣ шудааст. Бинобар ин баҳисобгирии қатъии қонуниятҳои экологӣ дар чунин ҳолатҳо зарур аст:

-афзоиши шумораи аҳолӣ ва ба он мувофиқат накардани сатҳи тараққиёти истеҳсолот;

-проблемаҳои ғунҷоиши экологӣ (фазо, ҳудуд, акватория), ҳамчунин минтақаи ҷойгиршавии объектҳои алоҳидаи нодири табиӣ ва дигар равандҳои экологӣ ҳангоми банақшагирии ҷойгир намудани воситаҳои истеҳсолот ва қувваҳои истеҳсолкунанда;

-ба муносибатҳои иқтисодии бозаргонӣ гузаштани ҷумҳурӣ.

Бояд қайд кард, ки ғайр аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи ҷараёнҳои фаъоли геодинамикӣ, геофизикӣ, биосферӣ ҷойгир шудааст, ки онҳо дар навбати худ ба ҳолатҳои экологии маҳаллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ таъсир мерасонанд.

Ба туфайли ин омилҳо ҷумҳурӣ ба яке аз марказҳои ҷаҳонии яхбандии кӯҳӣ (мавҷуд будани миқдори зиёди пиряххои бузурги системаҳои Зарафшон, Олой ва Помир) манбаи бойтарини оби нӯшокӣ ва яке аз қадимтарин марказҳои ҷаҳонии кишоварзӣ ва гуногунии биологӣ табдил ёфтааст.

Системаҳои нодири экологии кӯҳии Тоҷикистон бо биёбон ва нимбиёбонҳои бузурги минтақа, аз қабили Токла-макон, Ёркенд, Қизилқум пайваст гардида, дар ташаккули иқлими минтақа мақоми хосаро соҳиб шуда, олами бойтарини набототу ҳайвоноти моҳияти глобалӣ доштаро ба вуҷуд овардааст.

Дар барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 аз иҷрои тадбирҳои зерин ба назар гирифта шудааст:

-ҷалб намудани ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат;

-тарбия намудани табақаҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз ақоиди сиёсӣ ва динӣ баҳри солимгардонии вазъи экологии мамлакат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ;

-гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани равандҳои бодхӯрдашавии (эрозия) замин;

-пешгирӣ намудани истифодаи замин бо мақсади кишти зироатҳои каммаҳсул;

-васеъ намудани майдони ҷангалзорҳо, боғҳо, минтақаҳои сабз ва таблиғоти истифодаи мақсадноки онҳо;

-ташкил ва васеъ намудани масоҳати минтақаҳои махсус муҳофизатшаванда;

-ҷорӣ намудани кишти навъҳои зироатҳои сермаҳсул ва ба касалиҳо тобовар дар хоҷагиҳо;

-таъмин намудани тозагии ҳавои атмосфера, об ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ;

-ба истифодаи ашёи хоми маҳаллии аз ҷиҳати экологӣ бехавф ва аз ҷиҳати иқтисодӣ камхарҷ гузаронидани саноат;

-мусоидат намудан ба истифода ва рушди технологияи кампартов;

-пурзӯр намудани назорат ҷиҳати кам намудани партовҳо то сатҳи меъёрӣ ва аз меъёр кам;

-ҷалби вазорату идораҳо, истифодабарандагони табиат ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати маблағгузорӣ намудани барномаҳои экологӣ;

-бунёди фазои аз ҷиҳати экологӣ тоза ҷиҳати беҳтар намудани солимии аҳолӣ.

Бояд қайд кард, ки маърифати экологӣ яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи барномаи давлатии экологӣ буда, рушди устувори кишварро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ, нигоҳ доштани мувозинати табиат ва ҷомеа, ки ба омилҳои экологӣ (нарасидани замин, ифлосшавии муҳити зист, таъминот бо захираҳои об, тақсимот ва нигоҳ доштани ҳолати ҳосилнокии чарогоҳ ва ҷангалзорҳо, тозагии ҳавои атмосфера, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, беҳдошти саломатии аҳолӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ, бахусус навъҳои нодири аз байн рафтаистодаи наботот ва ҳайвонот) вобаста аст, таъмин менамояд.

Аз мулоҳизаҳои болоӣ бармеояд, ки масъалаи маърифати экологӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, паҳлуҳои зиёди он ҳанӯз бапуррагӣ омӯхта нашудааст ва хостам ин масъаларо мақолаи илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳам.

Муқаррар карда шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ тавассути тарбияи экологӣ дар ҷараёни машғулиятҳо ва ҳам дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ низ мувофиқи мақсад аст. Зеро, имрӯз яке аз вазифаҳои муҳими таъмини

рушди ҷомеаи башарӣ нигоҳдории мувозинаи муайян дар низоми “муҳити табиӣ – ҷомеаи инсонӣ” мебошад. Хусусияти замони муосир дар таваҷҷӯҳ ва эътибори хоса ба таркиби экологии ҷараёни таълим зуҳур ёфтааст. Дар ин ҷода, ғайр аз донишу маълумот ва маҳорати ҷавонон доштани мавқеи фаъоли иҷтимоӣ, оштинопазирӣ ба зуҳуротҳои манфӣ ва ғайра гарави нигоҳдошту ҳифзи муҳити табиӣ ва захираҳои он шуда метавонад.

Адабиёти сершумори илмии педагогӣ солҳои охир истифодаи мафҳумҳои гуногунро, аз қабили “экологикунонии шуур”,“экологикунонии илм”,“экологикунонии истеҳсолот”, “экологикунонии тафаккур”, “экологикунонии маълумот” - ро таҳлил ва зарур мешуморанд. Дар ҳамаи ҳолатҳо зери мафҳумҳои зикрёфта экологикунонии ҷараёнҳое фаҳмида мешавад, ки ба мӯътадилгардонӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳо байни ҷомеаи инсонӣ ва табиат такя менамояд. Мафҳумҳои “экологикунонии тафаккур”,“экологикунонии талаботҳо”, “экологикунонии ахлоқ” ва амсоли онҳо бо мафҳуми “экологикунонии шуури инфиродӣ” иртиботи қавӣ доранд. Чунки, муайян гардидааст, ки дар ҳар давраи таърихии рушди ҷомеа ҷаҳонбинии муайяни экологӣ ташаккул меёбад.

Алҳол, мафҳумҳои “меҳрубонӣ”, “ғамхорӣ”, “ҳамдардӣ”,”ҳамзистӣ”, “ҳамдигарфаҳмӣ”, “муҳаббат” ва ҳоказо нисбат ба табиат маънии навро касб намудаанд. Давоми машғулиятҳои мухталифи ҷараёни таълими фанҳои тахассусӣ бедор кардани ҳиссиётҳои номбурда дар донишҷӯёни равияи табиатшиносӣ вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорони фаннӣ мебошад, ки мебояд меҳвари фаъолияти онҳоро ташкил намояд.

Олимони соҳаи табиатшиносӣ таъкид менамоянд, ки дар инсон муносибати маъулиятнок ба муҳити зист ҳамон вақт ташаккул меёбад, ки дар раванди тарбияи экологӣ маълумоту далелҳои илмӣ бо иштироки шахс дар тадбирҳои ҳифзи муҳити зист ва тарғиби ғояҳои муосир ҷиҳати мӯътадилгардонии муносибати байни ҷомеа ва муҳити табиӣ алоқаманд бошанд. Дар ин ҷараён ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ, истеҳсолӣ ва ғайра бевосита дар маҳалли зист, муассисаҳои илмии равияи табиатшиносӣ, боғҳои ботаникӣ, миллӣ, ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда ва ҳоказо мавқеи муҳимро доро мебошад. Хусусан, гузаронидани машғулиятҳои амалию лабораторӣ аз фанҳои мухталиф тавассути ченкунии сатҳи маҳал, таркиби химиявии ҳаво, об, хок, растанӣ ва дигар омӯзишҳо бо истифодаи таҷҳизоти техникӣ хеле муҳим аст.

Мувофиқи ақидаи баъзе олимони соҳаи табиатшиносӣ мавҷудияти баъзе унсурҳо барои таъмини тарбия ва маърифати экологӣ дар сохтори омодасозии мутахассисони оянда ҳатмӣ мебошад. Масалан, А.И. Раҳимов (11) хулоса менамояд, ки чунин унсурҳо дар ин замина муассир мебошанд:

- маърифати экологии донишҷӯи равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чун ҷузъи таркибии пайваста ва маданияти умумии он;
- ташаккули муҳити мусоиди гуманистӣ дар муассисаҳои таълимӣ бо шароити рушди маърифати экологӣ ва омодасозии амалии мутахассиси оянда бо фаҳмишҳои муосири тарбия ва маърифати экологӣ;
- дар дараҷаи маҳорати касбӣ омода намудани омӯзгорони фанни “Экология” барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, инчунин сохторҳои давлатӣ, корхонаву ташкилотҳо ва ғайра.

Қайд карда мешавад, ки дар асоси ин унсурҳо ангораи пайдарҳамии маърифати экологӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки асосан чор марҳилаи ногусастанӣ, вале зина ба зинаро дар бар мегирад.

Мавриди зикр аст, ки таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим дар ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ башумор рафта, фаъолияти амалии аслӣ, воқеӣ, коммуникативӣ ва маърифатӣ мебошад. “Табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия ба маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дорост”[9,с.208]. Қабулу татбиқи Барномаҳои давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрию ҳуқуқӣ дар самти экологикунонии ҷомеа барои омӯзгорони фаннии ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ раҳнамои асосӣ мебошад. Зеро, таъмини иҷрои босифату мунтазам, муттасили меъёру талаботи муқарраргардида тавассути коркарди мазмуни тарбияи экологӣ

вазифаи бевоситаи омӯзгорон мебошад. Хусусан, овардани маълумоти дақиқ оид ба зуҳуроти бемориҳои гуногун ба мисли камхунии кӯдакон, аллергия, тавлиди кӯдакони нуқсондор ва ғайра барои тарбияи экологии донишҷӯён мусоидат ва аз ҷониби дигар таваҷҷӯҳи онҳоро ба мушкилоти ҷомеа бештар менамояд. Дар натиҷаи муқоисаи далелҳои аниқ байни давлатҳои олам, муқоисаи вазъи экологӣ ва нишондиҳандаҳои дигар дар донишҷӯ ҳисси меҳанпарастӣ устувортар мегардад. Ғайр аз он, дар ҳолати ошкор гардидани баъзе нуқсону норасоиҳо дар ҷараёни истифодаи оқилона ва ҳифзи муҳити зист донишҷӯ – омӯзгор ё мутахассиси оянда мавқеи фаъоли иҷтимоиро баҳри ислоҳи саривақтии онҳо ишғол менамояд. Дар ҳама ҳолатҳои номбурда тафаккури шахс тағйир ёфта, ҷанбаи экологӣ ва ҳам меҳандӯстӣ пайдо мекунад.

Тавассути донишҳои экологӣ донишҷӯ – мутахассиси оянда барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи табиати солиму тоза, рушду дигаргунсозии он, парвариши набототу ҳайвонот, танзими муносибатҳо байни ҷомеа ва ҷузъҳои таркибии муҳити табиӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок омода мегардад ва дар ӯ мафкураи воқеии зарурати ҳифзи муҳити зисти кишвар, ҳамчун ҷузъи меҳанпарастӣ ташаккул меёбад, ки аввало муносибати худ, баъдан муносибати ҷомеаро ба муҳити зист тағйир ва инкишоф диҳад. Талқин намояд, ки ҳифзу истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ - ғамхорӣ ва нишонаи муҳаббат ба Ватан мебошад.

Мебояд зикр кард, ки тарбия ва маърифати экологӣ методологияи махсуси педагогиро тақозо менамояд, ки метавон бо истилоҳи педагогикаи экологӣ ҷудо намуд. Самти асосии методологияи тадқиқот муайян намудани қонуниятҳои ҷараёни ташаккули инсони баркамоли фарҳанги экологидошта бо воситаи тарбия ва маърифати экологӣ мебошад. Асоси илмии педагогикаи экологиро таълимоти фалсафавии такя ба комёбиҳои миллӣ ва башарӣ ташкил медиҳанд, ки ҷузъҳои муҳими онҳо ташаккули ҳисси меҳанпарастӣ дар тафаккури донишҷӯи равияи табиатшиносӣ мебошад. Дар ин самт таҳқиқу аниқсозии зиддиятҳои дохилии ҷараёнҳои тарбия ва маърифати экологӣ вазифаи асосии педагогикаи экологӣ маҳсуб меёбад. Хусусан, таҳқиқи роҳу усул ва воситаҳои мухталифи ташаккули мафкураи экологӣ дар донишҷӯ – мутахассиси оянда хеле муҳим мебошад. Зеро, мувофиқи мушоҳидаю таҷрибаҳои гузаронидашуда ҳанӯз ҳам таълими аксарияти фанҳои тахассусӣ бевосита ба донишу маълумоти соҳавӣ асос меёбад. Омӯзгори фаннӣ ҷиҳати таҳқиқи мавзӯъ ба дастовардҳо аз ҷониби олимони ватанӣ, дастовардҳо ё худ сатҳи тадқиқоти илмӣ, мавқеи олимони ватанӣ дар илми ҷаҳонӣ ва ҳоказо эътибор надода, мавзӯи дарсиро дар асоси маълумоти мавҷуда таълим медиҳад ё мефаҳмонад. Донишҷӯ, ки давоми машғулиятҳо соҳиби дониши муайян гашт, ҷиҳати аҳамияти мавзӯъ ва алоқамандии он ба ҳаёти ҷомеаи ватанӣ фикру андеша намекунад. Чунин ҳолат аз ҷониби аввал боиси коҳиши ҳисси меҳанпарастии ӯ шуда бошад, аз тарафи дигар барои бедор намудани торҳои нави ҳиссиёти меҳр ба Ватан мусоидат менамояд. Дар ин радиф омӯзгори фанниро бояд водор сохт, ки тавассути маводи таълимӣ ва баёни мавзӯъ масъалаи зикрёфтаро мавриди эътибори ҳатмӣ қарор диҳад. Умуман, таҳқиқи масоили марбут ба алоқамандии тарбия ва маърифати экологии донишҷӯёни ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ давоми машғулиятҳо аз фанҳои тахассусӣ бо ташаккули рӯҳияи меҳанпарастии онҳо ҳақиқати бебаҳс аст. Сатҳи иҷроиши ҷараён аз як ҷониб ба донишу малака ва савияи касбии омӯзгори фаннӣ алоқаманд бошад, аз тарафи дигар ба сатҳи шуур, ҷаҳонбинӣ тасаввуроти донишҷӯ вобаста аст, ки то давраи таҳсилот дар муассисаи олӣ мавҷуд будааст. Ҷанбаи дигари ташаккули мафкураи меҳанпарастӣ дар заминаи маърифати экологӣ таъмини иштироки донишҷӯ дар аксияҳои экологӣ, аз қабили "Тозагии маҳал", "Тозагии соҳил","Дарахти сабзи Ватан","Тӯҳфаи ман ба насли оянда",шанбегиҳои кабудизоркунию ободонӣ ва ғайра мебошад. Инчунин, таҳия ва паҳн намудани варақаҳои иттилоотӣ, буклету плакатҳо бо иштироки донишҷӯ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва таъсир ба шуури донишҷӯ тавассути пешниҳоди донишу маълумоти дақиқ оид ба захираҳои табиии маҳалли зисти донишҷӯ ва ҳоказо метавонад заминаи боэътимоди ташаккули тафаккури меҳанпарастӣ дар донщҷӯи ихтисосҳои равияи табиатшиносӣ бошад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Авазов, Ш.Экологик педагоглари методологик муаммолари /Ш.Авазов// Экологик таълим ва тарбиянинг педагогик муаммолари.-Тошкент, 1999.- С. 13-17.
2. Акрамов,С.Методикаи таълими табиатшиносӣ /С.Акрамов. – Душанбе: Маориф, 1987- 200 с.
3. Асоев, Х. Масъалаҳои муҳимтарини экологияи муосир / Х.Асоев.–Душанбе:1977. –С.55.

4. Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025. –Хуҷанд: 2021.-С. 37.
5. Барномаи давлатии экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" феврали соли 2009 № 123 тасдиқ шудааст.
6. Вербицкий, А.А. Основы концепции развития непрерывного экологического образования/ А.А.Вербицкий// Педагогика.- 1997.-№6.-С.31-36.
7. Вершинин, Н.А. Воспитание у младших школьников любви к природе родного края, интереса к природоведческих занятиям/ Н.А. Вершинин // НШ. 1998.-№10.-С.9-14.
8. Воспитание и развитие детей в процессе обучения природоведению: Из опыта работы. Пособие для учителя. /Составитель Мельчаков Л.Ф.// - М.: Просвещение, 1981.
9. Дадобоева,Н.Н.Нақши таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ-саҳроӣ ва комплексии географӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстии донишҷӯён/Н.Н.Дадобоева,М.М.Ҳайдарова//"Номаи донишгоҳ"(силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ),№1 (66)–Хуҷанд:2021.-С.203 – 210.
10. Мироҷев,С.Тарбияи экологӣ/ С.Мироҷев, Х. Шарифзода// Наврӯзи Ватан, 1999, С.7-9.
11. Рахимов, А.И. Подготовка будущих учителей к организации экологического воспитания школьников / А.И.Рахимов. Автореф. дисс. к.п.н.//-Душанбе: 2000.-22с.
12. Толибов, Ю.Р. Маърифат ва тарбияи экологӣ/ Ю.Р. Толибов.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2019-224 с.
13. Толибов,Ю.Р.Стратегияи инкишофи маданияти экологии донишҷӯён дар мактаби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Ю.Р.Толибов,Б.А.Тошматов,З.Амонова// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2016.-№2
14. Шаронова,Е.Подготовка студентов к экологическому воспитанию школьников/Е. Шаронова // Педагогика. - 2005.-№8.-С.122-124.


**REFERENCES:**


1. Avazov Sh. Methodological problems of ecological pedagogues /Sh.Avazov// Pedagogical problems of ecological education.-Tashkent, 1999.- P. 13-17.
2. Akramov S .Methods of teaching natural sciences/S.Akramov. - Dushanbe: Education, 1987- 200 p.
3. Asoev Kh. The most important issues of modern ecology / Kh. Asoev - Dushanbe: 1977. - P.55.
4. The State program of complex development of ecological education and enlightenment of the population of the Republic of Tajikistan for the period of 2021-2025. –Khujand: 2021. P. 37.
5. The state ecological program of the population of the Republic of Tajikistan for 2009-2019. Approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan from February 27, 2009. – No 123.
6. Verbitsky A.A. Fundamentals of the concept of development of continuous environmental education / A.A. Verbitsky // Pedagogy. 1997.-No 6.-P.31-36
7. Vershinin N.A. Raising in junior schoolchildren love for the nature of their native land, interest in natural studies / N.A. Vershinin // NSh. 1998.-No 10.-P.9-14.
8. Upbringing and development of children in the process of teaching natural history: From work experience. A guide for the teacher. /Compiled by Melchakov L.F.// - M.: Enlightenment, 1981.
9. Dadoboeva N.N, Haidarova M. M. The role of field experiments and geographical complexes in the formation of a sense of patriotism of students / N.N. Dadoboeva, M.M. Haidarova // "Scientific Notes" (series of humanities and sociology), No 1 (66) - Khujand: 2021. - P. 203 – 210.
10. Mirojev S.Ecological education/S.Mirojev, Kh. Sharifzoda//Navruz of the Motherland, 1999, P.7-9.
11. Rakhimov A.I. Preparation of future teachers for the organization of ecological education of schoolchildren/A.I.Rakhimov.Abstract of cand.diss. of pedagogical sciences//-Dushanbe: 2000, -22p.
12. Tolibov Y.R. Environmental education and training/Y.R.Tolibov.-Khujand:Nuri Marifat,2019-224p.
13. Tolibov Y.R. Strategy for the development of environmental culture of students in higher education in the Republic of Tajikistan / B.A. Toshmatov, 3. Amonova // "Scientific Notes" of KSU named after academician Bobojon Ghafurov. -No 2, 2016
14. Sharonova E. Preparation of students for the environmental education of schoolchildren / E. Sharonova // Pedagogy. - 2005.-No 8.- P.122-124